**АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ №2, 2014**

**ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**
**ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК №2, 2014**

**УДК: 9п+339**
**ФИРӮЗ О.**[1]

# ЗАМИМАҲО, ИЛЛАТ ВА МОНЕАҲОИ ГАРАВИШИ МИСРИҲО БА ИСЛОМ

(аз фатҳи ислом то поёнии ҳукумати суфёниён (660–685 мелодӣ))

Бо он ки Миср ҳазорон сол таърих ва тамаддун дошт ва ҳудуди ҳазор сол дар тасарруфи румиён буд, аммо таъсире, ки фатҳи исломӣ ба дар он ба вуҷуд овард, мунҳасир ба фард буд, зеро ғайр аз аъроби мусулмон ҳеҷ як аз миллатҳои пирӯзгашта натавонистанд фарҳанг ва дини худро дар ин сарзамин доимӣ кунанд. Ҳар кас бо таърихи Миср ошноӣ пайдо кунанд, ин пурсишро пеши рӯй хеш хоҳад дид, ки иллати мусулмон шудани мисриён чӣ буд ва ин ба тағйиротҳои зиёде алоқаманд асту дар мақола матраҳ шудааст.

**Калидвожаҳо:** Миср, ислом, саҳоба, арабҳо, мусулмонон, таърих, мардуми Миср.

Саволе, ки чаро мардуми Миср на танҳо ба ислом рӯй овардаанд, балки барои ҳамеша «араб» шуданд, ҳамеша масъалаи барангезанда будааст. Гаравиши иддае аз мардуми Миср ба ислом аз 45 соли аввали пас аз фатҳи исломӣ бар асари илал ва авомили мутааддиде буд. Ин мақола дар садади баъзе аз суолҳои марбут ба ин мавзӯъ аст. Суоли аслӣ ин аст, ки заминаҳо ва илали гаравиши иддае аз мисраҳо ба дини ислом чӣ буд? Чӣ касоне дар ин фароянд нақши муҳимтаре доштанд ва чӣ монеъаҳое мӯҷиб гардид? Оё дар он аср бештари мардум бар ақоиди пешин боқӣ мондаанд? Гузашт аз ин аз он ҷо ки Миср аз ҳамон садаҳои нахустини исломӣ батадриҷ ба яке аз марказҳои муҳимми сиёсию илмӣ ва аз вилоёти бузурги қаламрави ислом тадбил шуд, баррасии фароянди гаравиш ба ислом ва мавонеъи ин раванд метавонанд барои равшан намудани бахше аз таърихи ислом аҳамият дошта бошад?

Бештар касоне, ки дар боби таърихи Мисри пас аз ислом таҳқиқ гузаронидаанд, ба мавзӯи паҳншавии дини ислом дар ин сарзамин таваҷҷуҳ кардаанд. Дар ин осор агарчи иттилооту гузоришҳои дархури таваҷҷуҳе метавон дарёфт. Аммо дар баррасиҳои алоқаманд ба мутолиоти таърихии ним қарни аввали пас аз фатҳи Миср мавзӯе бо унвони заминаҳо, илал ва мавонеъи гаравиши мисриҳо ба ислом бо таъкид бар нақти саҳоба ва муболиғони мусулмон баррасии таърихие нашудааст.

Дар китобҳои Алфред Батлер «Фатҳа–л–араб л–ил–Миср», Ҳасан Аҳмади Маҳмуд «ал–Муҷтамеъ фӣ Мисра–л–исломия» ва ғайра мавзӯи паҳншавии ислом дар Миср ба баҳс гузошта шудааст. Вале дар ин осор ба сабаби густурда будани доираи таҳқиқ, ба ҳамаи зовияҳои мавриди таҳқиқ таваҷҷуҳ нарафтааст. Дар китобҳои дигаре, ки ба таври вижа гаравиши мардуми манотиқи фатҳшуда ба исломро мавзӯи кори худ қарор додаанд, исломӣ шудани Миср низ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Вале ҳамаи онҳо ба масоиле, ки мо мавриди назар дорем, аҳамияти вижа равона намудаанд ва ба суолоте, ки мо пеш гузоштаем, посух дода наметавонанд.

---

[1] **Адрес для корреспонденции**: Фируз Озоди, соискатель ТНУ, Республики Таджикистан.73024, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17

Ин навишта бар ин фарзия устувор аст, ки омили асосии гаравиши шуморе аз мисриҳо ба ислом дар давраи 40–45 соли пас аз фатҳ талоши саҳоба ва мубаллиғони мазҳабӣ буд ва шароити паймонҳои муслимин бо қибтиён ба гунае буд, ки роҳро барои фаъолияти онҳо ва исломӣ шудани ҳамаи Миср фароҳам мекард. Илал ва авомилӣ дигар дар зайли ин ду омил ва ё дар ҷиҳати такмили ин омил буда ва таъсири камтаре доштаанд. Дар зимн ба назар мерасад, ки боқӣ мондани нақши саҳоба ва муболиғони мусалмон заминаҳо ва решаҳое буданд, ки монеъ аз гаравиши ҷамъе ва густурдаи мисриҳо ба ислом шуд.

Бояд гуфт, ки пеш аз вуруди мусулмонон ба Миср давлати Византия (Руми шарқӣ) бар ин сарзамин ҳукмронӣ мекард. Дар остонаи фатҳи исломӣ қибтиҳо– сокинони аслии Миср, ки бештарин ҷамъияти он сарзаминро шомил мешуданд, аз ҳукумати румиҳо норозӣ буданд, ахлоқи аслии онҳо бо румиҳо ин буд, ки қотабаи қибтиҳо ба мазҳаби яқубӣ буданд, вале румиҳо ойини «малконӣ» доштанд ва ин ду фирка алорағми талошҳои императори Византия натавонистаанд ахлоқи худро канор бигузоранд ва бо шиддат бо ҳам даргир бувад [1], то ҳадде ки асбоби нафрати қибтиҳо аз румиҳо шуда буд [2,228]. Мусулмонон дар раванди футуҳи худ ва дар идомаи пирӯзиҳои худ дар Шом ба фатҳи Миср роғиб шуданд ва фармондеҳи онон Амру бинни Ос вуруд ба ин сарзаминро аз соли нуздаҳуми ҳиҷрӣ оғоз ва кори фатҳи онро то поёни соли бистуми ҳиҷрӣ ба поён бурданд.

Мусулмонон ҳангоме, ки сипоҳи Румро дар қалъаи «Бобу–л–явн» ба муҳосира даровардаанд, фармондеҳи Миср аз ҷониби румиҳоро куштанд. Сафире, ки аз сӯйи мусулмонон барои музокира эъзом гардид, яке аз саҳобаи маъруф Иббода бинни Сомит буд. Ӯ бо пофишории хосе ба онҳо гуфт, ки се роҳ бештар пеши рӯ надоранд; ё мусулмон шаванд, ё ҳукумати исломиро ба худ пазируфта ва бо пардохти ҷизя бар ақоид ва мазҳаби худ боқӣ бимонанд ва ё ҷангро пазиро шаванд [3, 65]. Муқавқис ба пазируфтани итоат аз арабҳо мутамоил гашт, вале бархе аз сарони сипоҳаш ба ин назар мухолиф буданд. Саранҷом пас аз тасарруфи қалъаи «Бобу–л–явн» фармонравои Миср шароити сулҳро пазируфт ва қабтиҳо ба шарти пардохти ҷизя, хироҷ ва таъмини озуқаворaи сипоҳи муслимин ба ҷиргаи «аҳли замма» даромаданд. Шаҳрҳои дигари Миср ба суръат яке пас аз дигаре фатҳ шуданд.

Халифа Умар бинни Хаттоб дар бораи тақозои Муқавқис, ки аз Умар ва Ос хоста буд то асирони Мисриро аз сарзаминҳои дигар баргардонанд, мувофиқат кард. Ҳарчанд Умар гуфт: – Боз гардонидани асироне, ки ба Ҳиҷоз ва Яман омадаанд, мумкин нест. Аммо бо дастури ӯ асирони масеҳии мавҷуд дар Мисрро дар муқобили қибтиён ва сипоҳи араб ҳозир карданд ва яке–яке онҳоро ба ислом фаро хонданд. Агар ислом меоварданд, мусулмонон бонги такбир сар медоданд ва агар насрониятро бармегузиданд, масеҳиён меғурриданд ва ӯро ба тарафи худ мебурданд ва мусулмонон бар он ҷизя муқаррар мекарданд [4,1921]. Ин ҳама нишон медиҳад, ки сипоҳи ислом дар ин давра аз мусулмон шудани қибтиҳо шодмон мешуданд ва ислом овардани мисриҳоро ташвиқ мекарданд. Дар ҳини ҳол асроре ҳам барои маҷбур кардани мардум ба пазириши ислом надоштанд.

Ҳарчанд сиёсати давлати исломӣ аз аҳди Умар ибни Хаттоб ин буд, ки аз ихтилоти мусулмонон бо бумиён ҷилавгирӣ кунад, то рӯҳияи ҷангҷӯии арабҳоро ҳифз намояд, аммо бо нигоҳе ба матни қарордодҳои мусулмонон бо мисриҳо мушаххас мешавад, ки шароите дар он байни ду тараф қайд шуда буд то имкони ҷӯшишу ихтилоти ду қавмро фароҳам мекард. Аз ҷумла теъдоди қибтиҳо барои пазироӣ аз мусулмононе, ки ба вилоят ва рустоҳои Миср мерафтанд, ба мудати се рӯз ва зиёда аз ин мусулмонон ҳар сол фасли баҳор аз шаҳри Фистод – маркази давлати исломӣ дар Миср хориҷ шуда, ба бошишгоҳ ва рустоҳои атроф барои чарои шутурон ва ҳавохӯрию истироҳат мерафтанд. Ин расм мӯҷиби ошноии ҳар

ду қавм – арабу мисрӣ ва ихтилоти онҳо ба ҳам мешуд. Бадеҳист, ки шуморе аз мардум бар асари ин тамосҳо ба ислом гаравиданд ва фарҳанги арабӣ гирифтанд.

Маъмулан араб шудан ва мусулмон шудани қибтиҳо ҳамзамон бо ҳам ва умарое тавъамон буд. Мушкил метавон мавридеро аз хилоли гузоришҳои муаррихон ёфт, ки фарде қибтӣ исломро пазируфта, вале фарҳанги арабиро ба худ нагирифта бошад. Аммо хилофи он гузориши зиёд шудааст. Яъне, теъдоди зиёде аз қибтиҳо забони арабиро ба кор мебурданд, вале бар дини худ боқӣ мемонанд. Ин афрод бештар кормандони идораҳо ва девонҳои Миср буданд, ки ниёзҳои идорӣ ва девони муслиминро бароварда мекарданд.

Иддае мусташриқин муътақид бар онанд, ки мусулмонон дар садри ислом майл надоштанд, ки мардумони милали фатҳшуда ислом биёваранд, зеро ин кор мӯҷиби коҳиши мизони ҷизя ва хироҷ мешуд [5,350]. Вале гузоришҳо ва матни китобҳои таърихӣ нишон медиҳанд, ки ин сиёсат дар рӯзгори хулафои аввалия дунбол намешудааст. Валиёни Миср дар ин давра ба тартиби аморат Амру бинни Ос, Абдулло бинни Саъд, Муҳаммад бинни Абуҳазифа, Қайс бинни Саъд ва Муҳаммад бинни Абӯбакр буданд, ки ҳамагӣ аз саҳобаи маъруф ба шумор мерафтанд. Аммо гузоришҳое аз бакоргирии ин сиёсат дар замони Марвониён, аз соли 84 расидааст. Аз рӯйи маълумотҳо коҳиши шадиди мизони молиёти дарёфтӣ аз Миср бар нигаронии волиёни давлати Уммавӣ дар Миср афзуд. Яке аз иллатҳои коҳиши мизони молиёти Миср гаравиши теъдоде аз мардум ба ислом буд. Бархе аз зимомдорони Миср дар давраи Марвониён ҷизяро ба навмусулмонон низ воҷиб карданд. Аммо гузорише аз дарёфти ҷизя аз навмусулмонон то соли 64, яъне поёнии ҳукумати Суфёниён дар даст нест. Волиёни давлати Суфёниён дар Миср барои ҷуброни коҳиши молиёт сиёсатҳои дигареро бар кор бурданд, аз ҷумла, тақвияти кишоварзӣ ва эҳтимом ба ободии рустоҳо, то бад–ин васила касрии молиётро ҷуброн кунанд. Густариши фаъолиятҳои бозори Фистот ва равнақ бахшидан ба тиҷорати дохилӣ ва хориҷӣ ва ба ин восита бо дарёфти молиёти гумрукӣ бар даромади давлат бияфзоёнид. Ин ҳама аз роҳое буданд, ки амирони давлати аввали Умавии Миср дунбол мекарданд.

Аз сӯи дигар, аз он ҷо ки маънои қудрат ва ҳадафҳои Суфёниён бо хулафои Рошиддин тафовутҳое дошт, нигоҳи волиёни ин давра бо волиёни он аср ба раванди гаравиши мисрҳо низ ба ислом фарқ дошт.

Муовия ҳам поягузори давлати Умавӣ буд ва ҳам шохаи Суфониёнро бино ниҳод. Оғози фаъолияти воқеии ӯ аз соли 41 ҳиҷрӣ аст, аммо ҳудуди се сол зудтар аз ин таърих бар Миср мусаллат (ғолиб) шуд. Муовия мардуми Мисрро се даста медонист: як гуруҳро ба «нос» мехонд, ки онон аъроб буданд, гурӯҳи дигар шабеҳи «нос», ки манзураш «маволӣ» буданд ва гуруҳи севум, ки қибтиёни Миср буданд, «ло нос», яъне ғайри мардум ташбеҳ шуданд.

Волиёни дигари Миср аҳли Суфёниён ба тартиби ҳукумат Ибни Абусуфён (аз соли 44 то 47ҳ.) Ақаба бинни Омири Ҷаҳнӣ (аз соли 44 то 47 ҳ.), Муслима бинни Мухаллади Ансорӣ (аз соли 47 то 62 ҳ.) ва Саъид бинни Язд (аз соли 62 то 64ҳ.) будаанд, ки се нафар аз онҳо саҳобагони маъруфу шинохтаанд. Бинобар гузориши волиёни Миср дар ин давра маводи паймонҳои аввалияи муслимин бо қибтиҳоро риоят мекарданд ва бар тибқи ин қарордодҳо озодии мазҳабӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии онҳо тазмин шуда буд ва гузорише аз тасаддии волиён ва омилҳои давлати исломӣ ба қибтиҳо наомадааст.

Дигар ин ки ба Миср румиҳо ва юнониҳо низ дастдарозӣ доштанд ва таъмини ризқи сарбозони румӣ ба таври хеле гарон бар дӯши мисриҳо буд. Аз ҳама муҳимтар ин ки Миср маркази таъмини гандуми императори Рум буд. Аз сӯйи дигар дар асоси қарордодҳо қибтиҳо бо ислом овардан аз пардохти бахше аз

молиёт озод мешуданд, аммо ба назар мерасад, ки дар давраи румиҳо онҳо чунин фурсате дар ихтиёр надоштанд.

Вазъияти нобасомони мисриҳо ба гунае буд, ки баъзе аз муҳаққиқон гуфтаанд: «Иллати фатҳи Миср ва хушомадгӯии қибтиён ба арабҳо раҳои аз ҷанги ҳукумати золимонаи императори Рум буд» [6]. Аз муҳимтарин нишонаҳои норизоияти мисриҳо аз румиҳо ин буд, ки дар ҷараёни фатҳ кӯмакҳои зиёде ба мусулмонон карданд. Авзоъи парешони мисриҳо мӯҷиби хушбинии қибтиён нисбат ба мусулмонон ва чашмдошти онҳо барои раҳидан аз султаи румиён мешуд ва дар гаравиши бархе аз онҳо ба ислом муассир будааст.

Ин ҷо дар қисматҳои фатҳи Миср ва сиёсатҳои давлатҳои Суфёниён ба шеваҳои давлатҳои исломӣ барои таблиғи ислом ишорае шуд ва дар ин замина раванди кулли давлатҳои Рошиддин, Суфёниён ва вилоёти онҳо дар Миср баррасӣ мегардад. Ҳазрати расул (с) аз ҷониби Худованд маъмури иблоғи рисолати хеш ва даъвати ҳама мардум ба ислом буд. Оё ин шева таввасути ҷонишинони вай кор гирифта мешуд ё на? Чунин ба назар мерасад, ки бештар мусулмонон дар давраи халифаҳои нахустин ба рисолати ҷаҳонӣ барои таблиғи ислом имон доштанд [6,34]. Бар асоси навиштаҳои муаррихони мусулмон ва масеҳӣ метавон идио кард, ки ҳадафи аслии футуҳи мусулмонон дар Миср интишори ислом буд, зеро аъроб аҳолии сарзаминҳои мавриди таҷоҳумро ба ислом додани ҷазя ё ҷанг мухтор мекарданд.

Бо ташкили давлати умавӣ ҷанбаҳои динӣ ва алоқа ба густариши ислом рафта–рафта ҷои худро ба густариши фатҳҳо барои тақвияти давлат ва таъмини манфиатҳои иқтисодӣ медод. Аз рафтори волиёни давлати Суфёниён дар Миср равшан мешавад, ки онон ба андозаи волиёни Миср хулафои нахустин алоқае ба нашри ислом надоштанд, зеро мусулмон шудани мисриҳо мӯҷиби коҳиши даромади давлат мешуд. Аз сӯи дигар давлатҳои аввалияи исломӣ, чӣ Рошиддин ва чӣ Суфёнӣ мебоист аз раванди гароиш ба ислом, то ҷое ки дасткам хатароти дохилии мавҷуд дар баробари султаи дини ислом ночиз гардад, ҳимоят кунад. Ба баёне дигар давлати Суфёниён ҳам ниёз дошт то шуморе аз мардуми бумии Миср мусулмон шаванд, зеро ин раванд муҷиби барқарории амнияти бештар барои ақалияти араби сокин дар он сарзамин мешуд.

Дар самт мусулмон шудани мисриҳо муҷиби афзоиши шумори «Маволӣ» мегардид, зеро ҳар фарди қибтӣ, ки мусулмон мешуд, маълуман ба сурати маволии яке аз қаболи араб дармеомад. Зиёд шудани шумори маволӣ метавонист хатаре билқувва барои давлати онҳо бошад. Ҳузури маволии Эрон дар қиёмҳои хориҷа дар аҳди муовия нишонае аз хатари ин табақаи иҷтимоӣ барои давлати онҳо маҳсуб мегардид [7,149]. Мухолифони давлати Умавӣ аз маволӣ барои мубориза ба он давлат баҳра мебурданд. Аз ин рӯ, ба таври ошкор наметавон намунаҳое аз талоши давлати Умавиро барои нашри ислом дар Миср ёфт. Бо ин ки давлати Умавӣ аз шеваҳои асили исломӣ фосила гирифта буд, аммо гузорише аз шикастани аҳду паймони қарордодҳо аз сӯи онҳо то поёни Суфёнӣ нашудааст ва аз тарафе дар ин давра ҳанӯз саҳоба ва мубалиғоне бо ангезаи таблиғи ислом дар Миср фаъолият мекарданд.

Аз нигоштаҳо ба назар мерасад, ки ҳокимони мусулмон, бавижа фотеҳи маъруфи Миср, рафтори вижаӣ бо мисриҳо доштанд. Мусулмонон дахолате дар умури мазҳабӣ ва фарҳангии қибтиҳо надоштанд ва онон дар баргузории одоб ва русуми миллӣ ва мазҳабии худ озод буданд. Аз нишонаҳои гузашти мусулмонон яке ҳам ин буд, ки ҳамвора сарварони динӣ ва мазҳабии мисриҳоро бо алфози муҳтарамона хитоб мекарданд. Хулафои рошиддин мусулмононро бар хушрафторӣ бо Мисриҳо таъкид доштанду мекарданд. Алӣ (а) ёронро бо аҳли наздикон фаро мехонд ва мефармуд, ки агар яке натавонад хироҷи худро

бипардозад, набояд озор бубинад, балки бахшида шавад. Дар давраи Суфёниён низ озодӣ ва нуфузи масеҳиён ҳатто бештар аз қабл шуд. Масеҳиён дар ин давра тавонистанд нахустин бор дар шаҳри Искандария Калисои ҷадиде бисозанд. Ва гузашт ба ҳадде расид, ки алорағми мухолифати мусулмонон исломро рафта–рафта қабул намоянд. Дар саросари ин даврон, баъд аз замони фатҳ то поёни суфёниён ҳеҷ гузорише мабнӣ бар иҷбор ва корбурди зӯр барои тағйири мазҳаби мисриҳо ба даст наёмадааст. Бадеҳист, ки гузариши ҳокимони мусулмон бо масеҳиҳо мӯҷиб мешавад то онон дини исломро як дини инсонӣ ва мутобиқи фитрат биёбанд ва ба гаравиш ба ин дин рағбат пайдо кунанд ва ин гузоришҳо бо ақидаи касоне, ки мегӯянд асоси густариши ислом зӯри шамшер буд, мухолифат дорад.

Ниҳоят, волиёни мусулмони Миср дар ин давра аглаб тамоил ба ҳифзи султаи худ бар мардумони бумӣ доштанд то мусулмон кардани онҳо. Бинобар ин аксар мардумоне, ки дар давраи суфёниён мусулмон шуданд, ба таври ихтиёрӣ ва довталабона ба ин дин гаравиданд. Густариш ва сайъи қаламрави ислом дар ин аср ва қудрати сиёсӣ, низомӣ ва иқтисодии давлатҳои исломӣ мӯҷиб шуд, ки дини ислом ба миёни табақоти мухталифи мардуми бумӣ аз тариқи равобити рӯзмарраи зиндагӣ, муомилот, доду ситадҳо, дидорҳо ва муоширатҳои оддӣ нуфуз пайдо кунад. Дар айни ҳол шароити паймонҳо ва қарордодҳо худ мӯҷиби ҳифз ва ҳатто тақвияти сохтори иҷтимоӣ ва мазҳабии мисриҳо мешуд ва ин мавзӯъ садди муҳимме дар гаравиши ҷамеъи қибтиҳо ба ислом буд. Бо кам шудани нуфузи саҳоба ва мубаллиғони мусулмон дар давраи умавиён равиши гаравиши мисриён ба ислом кундтар гардид.

**Адабиёт**


1.–Iane Poole, A histori of Egypt in middle ages, p55.
2. Ибн ал–Муқаффаъ. Сайру–л–абоал–баторика – Қоҳира, 1968.
3.Ибн Абдулҳаким. Футуҳи Миср ва ахборҳо.–Лайдан, 1920 –С.65.
4.Табарӣ, Муҳаммад бинни Ҷариф.–Теҳрон: Асотир. Ҷилди 5. –С.1921
5. Лопидс Эром. Таърихи ҷавомеъи исломӣ. Тарҷумаи Алӣ Бахтиёризода. –Теҳрон: Иттилоот ва гуфтугӯи тамаддунҳо, 1381.–С.350
6. Орнавалд, Твин. Ал–даъвату ило ал–ислом. Тарҷумаи Ҳасан Иброҳим ва Охрун. Қоҳира, 1947.
7. Яъқубӣ. Таърихи Яъқубӣ. Ҷилди 2.–С.149.



**ФИРУЗ О..**


**ПРЕДПОСЫЛКИ, ПРИЧИНЫ И ТРУДНОСТИ ПРИНЯТИЯ ИСЛАМА ЕГИПТЯНАМИ**

(от начала арабских завоеваний и до конца – правления Суфияниям 660-680 гг.)


Несмотря на тысячелетнюю историю Египта, внесшего огромный вклад в историю человечества, и находящего в течение столетий под властью Рима, эта страна не могла противостояв арабскому завоеванию и распространению ислама. Ни одному государству и ни одному народу не удавалось утвердить свое влияние и культуру в Египте. В настоящей статье речь идет об особенностях, предпосылках, причинах, процессе распространения и трудностей на пути принятия ислама египтянами.



**Ключевые слова:** Египет, ислам, арабы, мусульмане, история, египтяне.



**FIRUZ O.**


**THE CASE AND DIFFICULTIES OF EXPECTANCE OF ISLAM BU EGYPTIANS**

**(from the arabic invasion up to sufian’s role 660-680)**


The Egypts state never allowed to interfere in the life of people and the article tells about the difficulties and reasons of Egyptians to accept Islam.